ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ

САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ

| Рўйхатга олинди: | "ТАСДИҚЛАЙМАН" |
|---|---|
| № БД–60230100–1.03 | Р.И.Халмурадов |
| 202 1 йил " 27 " август | 202 __ йил "__" ______ |

# НУТҚ МАДАНИЯТИ
фанидан
# ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш: тожик тили |

| Фан/Коди модул NMM1005 (бакалавриат/ магистратура) | Соли хониши 2021-2022 | Семестри 1 | ECTS-Кредитҳо 5 |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 5** |

| 1 | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|
| | **Асосҳои маданияти нутқ** | 60 | 90 | 150 |

2

**I. Мазмуни фан**

Мақсад аз омӯзиши фанни «Асосҳои маданияти нутқ» ба дараҷаи баланд бардоштани маданияти нутқи тамоми соҳаҳои фаъолият, такмил додан ва ба шакл даровардани таълими дараҷаҳои профессионалии ҷараёни мулоқот, фаҳмонида додани муаммоҳои асосии маданияти нутқи тоҷик. Омӯхтани маданияти нутқ ва забондонии донишҷӯён яке аз муаммоҳои муҳимми мактабҳои олӣ (хусусан филологҳо) ба шумор рафта, дониши забондонии талабагон тавсия ёфта маданияти сухандонии онҳо рӯз аз рӯз рушду такомул меёбад. Бинобар ин дар факултетҳои филологӣ фанни асосҳои маданияти нутқ яке аз фанҳои муҳим ба шумор меравад.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Муқаддима. Вазифа ва мавзӯъҳои фанни «Асосҳои маданияти нутқ»**

Тавсифи истилоҳоти «асосҳои маданияти нутқ». Ду шохаи фанни маданияти нутқ: дурустии нутқ ва фасоҳати нутқ. Баҳси олимон дар ин бобат. Алоқаи фанни маданияти сухан бо шӯъбаҳои дигари илми забон: бо луғатшиносй, грамматика, илми бадеъ., умумият ва тафовути онҳо

**Мавзӯи 2. Меъёри адабӣ ва хусусиятҳои асосии он**

Таърифи истилоҳи меъёри адабӣ. Ду паҳлӯи меъёри адабӣ: устуворӣ ва таъғирпазирии он. Меъёри адабӣ ва муаммои пайдоиши қаринаҳо. Баҳси олимон перомуни танзими забони адабӣ. Танзими забони дар солҳои 20 – 90. Равияи пуристӣ ва хилофи танзимгарӣ дар забоншиносӣ. Роли аҳли қалам дар танзими забони адабӣ. Қисми якум: дурустии нутқ. Меъёрҳои талаффузи адабй. Қаринаи корбурди овози «у»-и (вови маъруф) ва «у»-и вови маҷҳул, истифодаи ночоии онҳо ба ивази якдигар. Меъёри истифодаи «ё»-и маъруф ва «ё»-и маҷҳул, ғалатҳо дар ин бобат.

**Мавзӯи 3. Меъёри луғавӣ**

Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии истеъмоли калимаю таъбирҳои омиёна ва шевагӣ дар забони адабй. Калимаҳои русӣ русию байналмилалӣ, муодилҳои тоҷикии онҳо: таъсири манфии забони русӣ ва вожагонии забони тоҷикӣ. Ҷараёни фаъолияти имрӯза дар боби иваз намудани унсурҳои иқтибосии русӣ ва байналмилали бо ҳаммаъноҳои тоҷикиашон. Калимаҳои китобию архаистӣ ва сабабҳои серистеъмоли шудани онҳо. Сӯиистифодаи қабатҳои мазкури луғавӣ дар баъзе навиштхо

**Мавзӯи 4. Меъёри калимасозӣ**

Суффикси «-ӣ» ва мавриди суистифодаи он: суффикси «-чӣ» ва «гарӣ», сабабҳои суиистифодаи онҳо дар солҳои охир: истифодаи номавриди нимсуффиксҳои -кунӣ, -шавӣ, -ёбӣ, -барӣ, -диҳӣ дар калимасозӣ бо калимаҳои «ангез ва омез», сохта шудани калимаҳои мураккаб, нодуруст истифода шудани онҳо ба ҷои ҳамдигар. Бо дефис сохта шудани исм ва сифатҳои таркибӣ, ғалатҳо дар ин боб.

**Мавзӯи 5. Меъёри морфологӣ**

Қарина ё дар боби исмҳои муайян ва номуайян, нуқсонҳо дар корбастӣ онҳо. Қаринаҳо дар категорияи ҷамъбандии исм: қаринаҳо дар боби ҷонишинҳо, ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дар ин соҳа. Усулҳои ҷамъбандии арабӣ ва суистифодаи онҳо дар матбуоти солҳои 90, ҷамъбандии дукарата ва иллатҳои он.

**Мавзӯи 6. Меъёрҳои синтаксисӣ**

Қаринаҳои ҳаммаъно дар соҳаи ибораҳои исмӣ. Қолабҳое, ки бо як ва ду воситаи синтаксиси сохта шудаанд. Қаринаҳо дар боби ибораҳои феълӣ. истифодаи нобарҷои пешояндҳо, пасояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ. Қисми дуюм: фасоҳат ва балоғат. Маълуяити умумӣ роҷеъ ба фасоҳат ва балоғати нутқ.

**Мавзӯи 7. Равшании нутқ**

Ифодаи равшан ва ҳамафаҳми фикр чун муҳимтарин аломати нутқи фасеҳ. Мутобиқати ақидаи аҳли назарияи кунунии маданияти сухан дар ин хусус. Фикри равшан – нутқи равшан, фикри торик аз ҳикматҳои қадимист. Вобастагии нутқи равшан ба омилҳои берун аз забон (экстролингвистӣ) ва забон: хуб донистани мавзӯи сухан ва забони модарӣ: риояи маънои калима бо хосияти ашёй – предметии он. Аҳамияти интихоби калимааҳои лоик аз анбӯҳи ҳаммаънояшон ва корбурди баҳангоми онҳо дар таъмини нутқи равшан. Холҳое, ки бар хилофи ин шарт воқеъ гаштаанд. Махсусияти нутқи равшан дар шохаҳои мухталифи услубҳои нутқ.

**Мавзӯи 8. Кӯтоҳии нутқ**

Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ. Дар назарияи зеби сухан. Ақидаи донишмандон ва аҳли қалам дар ин бора. Балоғат дар сухандони чи бошед? Каломи андаку маънии бисёр (Ҷомӣ). Омилҳои

таъмингару кӯтохбаёнӣ: хуб донистани қоидаҳои интихоб ва корбасти калимаҳои шоиста, стохи аз калимаҳо ва ҷумлаҳое, ки тартиб додани ҷумлаҳои соддаи рехтаи пурғучоиш ба ҷои ҷумлаҳои дарозу тӯлонӣ дар ифодаи айни як маънӣ.

### Мавзӯи 9. Фасоҳаити нутқ

Фасоҳати нутқ чун чузъи таркибии балоғати нутқ. Омилҳои нутқи фасеҳ. Сухан мояи сеҳру афсун бувад. Ба тахсис вақте, ки мавзун бувад. Корбасти воситаҳои эҳсосӣ ва муассир ба сифати яке аз заруратҳои зуҳури фасоҳати нутқ. Бартараф намудани гӯянда (ё нависанда) нисбат ба мавзӯи сухан, мазмуни мухтасари фикри ифодашуда нисбат ба шунаванда ва хонанда. Истифодаи санъатҳои бадей ва оханг – интонацияи муассир дар нутқи фасеҳ. Корбурди санъатҳои бадей тибқи зарурат ва ба қадри эътидод дар нутқи фасеҳ. Ҳоле ки аз қоида афзун фитодбар рухи маъшуқа на мавзун фитод (Ҷомӣ). Маҳаллӣ корбасти воситаҳои якрангу қолибии забон, истифодаи нобарчои онҳо чун падидаи харобкори фасоҳати сухан. Зуҳури беҳтарин намунаи фасоҳати сухан дар такаллум ва навиштаҳои аҳли адаб, бавича дар суханронӣ ва таснифоти сухансароёни бузург. Услуби бадей чун намуна ва хазинаи дурдонаҳои сухани зебо, фасеҳ ва муассир.

### Мавзӯи 10. Дорой ва рангорангии нутқ

Дорой ва рангорангии нутқ чун яке аз умдатарин сифатҳои иртиботи нутқ. Нишонаҳои миқдорӣ ва сифати дар таъин намуданӣ нутқи манӣ ва камбағал. Вобастагии узвии нутқ пурсарват ба корбурди фарвони воситаҳои забон аз рӯи салоҳият, тибқи риояи қатъии таносуби сухан дар матн, «майдони муайяни сухан». Такрори нобарҷо ҳамчун аломати барчастаи нутқи нодор. Фарогирии сарвати луғавӣ, фразеологӣ, донистани мукаммали қоидаҳои сарфу наҳвӣ забони модарӣ, салоҳияти забонӣ дар интихоб ва корбасти бамаҳалии воситаҳои мухталифи сухан чун шарти асосии таъмингари дарсӣ ва гуногунии нутқ. Вуқӯъи сарвати забонӣ дар услубҳои мухталифи нутқ ба ҳар ранг вобаста ба махсусияти онҳо.

Дорои имконоти зиёд будани услуи бадей ва гуфтугӯи маишӣ дар ин бобат. Маъсулияти нависандагон дар боби сарнавишт, такмили ғаномандй ва ҳимояи тоза покизагии забони модарӣ.

Таъсири мутақобили услубҳои нутқ, риояи мавридгинонаи истеъмоли унсурҳои як услуб дар услуби дигар ҳамчун яке аз манбаъҳои сарватафзои забони миллй. Зарурати ғамхорй дар ҳаққй ғаномандии чомеи услубҳои нутқ дар доираи вижагии дохилй ва имконоти онҳо. Дорой ва рангорангии забони асарҳои бадей ва илми устод Айнй.

### Мавзӯи 11. Бамавридии нутқ

Мақоми хосаи нутқи бамаврид дар байни навъҳои нутқи фасеҳ. Интихоб ва корбасти воситаҳои забон дар ин хели фасоҳати сухан мувофиқи мақсад ва вазъият. Чанбаъҳои омилҳои ғайризабонй ва ва забон дар ташаккули нутқи бомаврид. Вобастагии зуҳури бамавриди нутқ ба малака ва таҷрибаи

суханонии гӯянда ё нависанда (дарки амиқи мавзӯи баён, эҳсоси муаммо, ҳадаф ва вазифаҳое, ки ӯ назди худ гузоштааст. Ҳикмати «Ҳар сухан чоеву ҳар нуқта мақоме дорад» чун пояи ташаккули нутқи бомаврид. Алоқамандии узвии чанбаъҳои бамавриди матн, бамавриди шароит дар бунёди нутқи баҳангом. Аҳамият ва накши бамавриди нутқ ба сифати аломати ногузири сухан воло барои зуҳури паҳлӯҳои дигари фасоҳати сухан.

**Мавзӯи 12. Услубҳои забон ва нутқ**

Услубҳои забон ва нутқ ҳамчун заминаи сохтори забон ва нутқи мадании соҳибони забон. Баръакси забоншиносии аврупои камтар кор карда шудани ин муаммо дар забоншиносии тоҷик. Унсурҳои забон ва услубҳои нутқ, умумият ва фарқи онҳо, баҳсҳо доир ба ин масъала. Зиёдатии адади услубҳои нутқ назар ба услубҳои забон, ваҷҳи он. Омилҳое, ки доира ва адади услубҳои нутқро муқаррар менависад. Истифода кардатавонистан аз услубҳои забон, эҷоду бозэҷодӣ услубҳои нутқ чун асоси мавҷудияти услубҳои нутқ. Зуҳури мухталифи хусусиятҳои иртиботии нутқ дар услубҳои гуногуни забон ва услубҳои фардии нутқ (чунончи, дар услуби бадей вусъат ёфтан ва тараққи кардани ҳама хусусияти иртиботии муассирият ва ғайра. Хизмати бузургворонаи С. Айнӣ дар бобати ташаккул ва равшании меъёрӣ забони адабии ҳозираи тоҷик, мубориза ҳои муттасили вай барои нигоҳ доштани тозагӣ ва таҳкими қоидаҳои анъанави забони модарии мо.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Доройӣ ва рангорангии нутқ
2. Ду паҳлӯи меъёри адабӣ
3. Усулҳои тадқиқи муаммоҳои маданияти сухан.
4. Меъёри фонетикӣ.
5. Меъёри луғавӣ.
6. Меъёри морфологӣ
7. Махсусияти нутқи равшан дар шохаҳои мухталифи услубҳои нутқ
8. Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ
9. Равшани нутқ.
10. Ду шохаи фанни маданияти нутқ
11. Истифодаи пасвандҳои калимасоз ва нодуруст истифода шудани баъзе нимсуффикҳо ба ҷои ҳамдигар
12. Қаринаҳои ҳаммаъно дар соҳаи ибораҳо. Қолабҳое, ки бо як ва ду воситаи синтаксисӣ сохташудаанд.
13. Омилҳои нутқи фасеҳ.
14. Услубҳои забон ва нутқ ҳамчун сохтори забон ва нутқи мадании соҳибони забон.

| | | |
|---|---|---|
| | | 15.Ду шохаи фанни маданияти нутқ<br>16.Воситаҳои тасвири бадеӣ чун воситаи муассир дар нутқи фасеҳ<br>17.Услуб ва навъҳои он дар нутқи маданӣ<br>18.Қаринаҳои ҳаммаъно дар соҳаи иборахо<br>19.Доройӣ ва рангорангии нутқ чун яке аз умдатарин сифатҳои иртиботи нутқ<br>20.Масъалаи имло ва ҳусни сухан<br>21.Нақши луғат дар маданияти сухан<br>22.Маданияти сухан дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ<br>23.Ҳунари суханварӣ ё илми муҳовара<br>24.Роли аҳли қалам дар танзими забони адабӣ. Мубориэаи С.Айнӣ дар роҳи муҳофизати ин забон<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Асосҳои маданияти нутқ ҳамчун як шохаи илми забоншиносӣ;<br>2. Хизмати олимони забоншиноси тоҷик дар омӯзиши маданияти лингвистӣ.<br>3. Вазифа ва хусусияти асосии ин фан.<br>4. Меъёр чист? Ду паҳлӯи меъёри адабӣ.<br>5. Меъёри адабй ва муаммои пайдоиши қаринаҳо.<br>6. Маълумот оиди меъёри луғавӣ.<br>7. Оиди меъёри фонетикӣ.<br>8. Меъёрҳои талафузи адабй а) қасидаи корбурди овози «у»-и (вови маъруф) ва «у»-и (вови маҷҳул) истифодаи ночоии онҳо ба ивази якдигар.<br>9. Ташдиди ҳамсадоҳо.<br>10.Дар бобати меъёри калимасозӣ.<br>11.Қаринаҳо ё дар боби исмҳои муайян ва номуайян, нуқсонҳо дар корбастӣ онҳо;<br>12.Қаринаҳо дар категорияи ҷамъбандии исм;<br>13.Дар боби ҷонишинҳо чи гуна қаринаҳо мавҷуд ва ҷиҳатҳои мусбат ва манфӣ дар ин соҳа.<br>14.Усулҳои ҷамъбандии арабӣ ва суистифодаи онҳо дар матбуоти солҳои 90;<br>15.Оиди ҷамъбандии дукарата ва иллатҳои он.<br>16.Қаринаҳои ҳаммаъно дар соҳаи ибораҳои исмӣ.<br>17.Қолабҳое, ки бо як ва ду воситаи синтаксиси сохташудаанд. |

| | |
|---|---|
| | 18. Истифодаи нобарҷоии пешояндҳо, пасояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ;<br>19. Фасоҳат ва балоғат дар илми маданияти лингвистӣ.<br>20. Ифодаи равшан ва ҳамафаҳмии фикр чун муҳимтарин аломати нутқи фасеҳ;<br>21. Тавзеҳи кӯтоҳбаёнӣ чун яке аз шартҳои балоғати нутқ. Дар назарияи зеби сухан.<br>22. Ҷойгоҳи маданияти сухан дар нутқи асарҳои бадей (дар асоси осори С.Айнӣ, С.Улуғзода, Ф.Муҳаммадиев, Ҷ.Икромӣ ва дигарон).<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• Дар заминаи баррасии осори адабӣ ва таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти мутахассисони соҳаи забон ва адабиёт ба ташаккули шахсияти баркамоли накӯахлоқи фасеҳбаёну соҳибсалиқаро аз худ намуда, муаммоҳои асосии маданияти нутқи тоҷикро ба таърихи забону адабиёти классикӣ вобаста карда ба донишҷӯён расонидан ва *тасаввуроти муайян пайдо кунонидан;*<br>• оиди қонуниятҳои пайдоишу инкишоф, омӯхтани тарзи истифодаи босаводонаю ба мақсад мувофиқи воситаҳои забон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ичтимой, дар услубҳои гуногун нишон додани роҳҳои асосии нутқ, мувофиқ омадани маданияти нутқ бо меъёри забони адабй *маълумоти назарӣ дошта бошад*;<br>• донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, ба толибилмон дар вазиятҳои гуногун ба тарзи мувофиқ истифода кардан ва забону нуткро омӯхтан аз ҷумла ривоч додани санъати наттоқй ва онро *дар амал тадбиқ карда тавонад;*<br>• дар бораи равобиту пайвандҳои адабии халқи тоҷик бо халқҳои дигар дар ҷараёни таълими асосҳои маданияти нутқ ва ё маданияти сухани тоҷик, вакилони барчастаи он ва осори илмйғ бадеии онҳо истифода намудан; бо тадқиқоти илмии дар бораи маданияти нутқ мавриди назар комилан ошной доштан ва дар фаъолияти касбй аз онҳо самаранок истифода намудан; ва дар бораи тадқиқи забони адабй бо меъёр *малака ҳосил намояд*;<br>• дар бораи ҳаёт ва фаъолияти симоҳои намоёни забоншиносии тоҷик маълумоти кофӣ ҳосил намуда ва аз онҳо баҳра бардошта тавонистанаш ба *тачрибаҳо соҳиб шуданаш лозим аст*. |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маъруза<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (сӯҳбат, мушоҳида, мунозира, нутқ кардан, мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан; |

| | |
|---|---|
| | • тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **Адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ**<br>1. Бабаева Д.Р. Нутқ ўстириш назарияси ва методикаси. Ўқув қўлланма. – Тошкент, 2017.<br>2. Воробьёв В.В. Лингвокультурология. – М.: РУДН, 2006. –331 с.<br>3. Воробьёв В.В. Лингвокультурология: Монография. – М.: РУДН, 2008. -336 с.<br>4. Давронова М., Маҷидова С. Услубшиносӣ. – Самарқанд: 2017.-148 с.<br>5. Зиновьева Е. И. Лингвокультурология: От теории к практике. – Санкт-Петербург, 2016.-180 стр.<br>6. Каримов С. Узбек тилининг бадиий услуби. – Самарқанд. «Зарафшон». 1992.-139 б.<br>7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2013. -321 с.<br>8. Асқарова М., Матжонов С. ва б. Кичик ёшдаги болалар нутқини ўстириш. – Т.: Ўзбекистон, 2001. -160 б.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>9. Зиновьева Е.С., Юрков Е.Е. Лингвокультурология: теория и практика. – СПБ.: МИРС, 2009. – 292 с.<br>10. Гвоздев А.Н. Очерки по стилистике русского языка. – М., 1965.<br>11. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. Услубшиносӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.<br>12. Ғаффоров Р. Забони адабӣ ва хусусиятҳои он. Газетаи «Омӯзгор», 15 сентябри соли 1993.<br>13. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи. – М., 1991.<br>14. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе: 1989.<br>15. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. – Душанбе: 1992.<br>16. Маданияти сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: 1990.<br>17. Маслова В.А. Введение в когнитивную лингвистику: учеб. пособие. – М.: Флинта: Наука, 2017. – 296 с.<br>18. Сепир Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии. –М.: Универс, 1993. – 656 с.<br>19. Сухандонон сухан санҷида гӯянд. – Душанбе: Оптима, 2005. – 184 с.<br>20. Хроленко А.Т. Основы лингвокультурологии: Учеб. пособие. – 3-е изд., |

| | |
|---|---|
| | испр. – М.: Флинта: Наука, 2006. – 184 с.<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>21.http://library.tersu.uz/kitoblar/aralash/Nutq madaniyati asoslari.pdf<br>22.http://library.ziyonet.uz/ru/book/download/100574<br>23.http://n.ziyouz.com/kutubxona/category/147-pedagogika?download=11693:nutq-madaniyati-asoslari-t-qudratov<br>24.www.wekopedia.tj |
| 7 | Дастури фан ____________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>**С.Ҷ.Маҷитова** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>**Г.Адашуллоева** – доктори фалсафа (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии ДДС<br>**А.Туробов** - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ИДЗХС |

**Кафедра мудири** **проф.Ж.Ҳамроев**

**Кенгаш раиси** **проф.А.Пардаев**

**Тасдиқлайман**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича**
**проректор: ______________А.С.Солеев**

**“24” Август 2021 йил**